**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-117 дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ дар мавзуи «Таҳлили сохториву маънои истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ**

Диссертатсияи номзадии Набизода Азиза Абдунабӣ ба омузиш ва муқоисаи **ҷанбаҳои сохториву маънои истилоҳоти гистологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ** бахшида шудааст.

Дар шароити кунунӣ баррасӣ намудани масъалаҳои таҳлил ва муқоиса яке аз омилҳои асосии рушди муносибатҳои байналмилалӣ шинохта шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Набизода А.А. низ масъалаҳои истилоҳоти илмӣ, хусусан дар соҳаи тиб масъалаҳои мубрами таҳқиқоти муқоисавӣ, таҳлил ва тарҷума дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар мавзуи **«Таҳлили сохториву маънои истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** бахшида шудааст ва аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар шурои диссертстсионии 6D.КОА-117 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мувофиқат мекунад.

Муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мувофиқат мекунад.

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки дар соҳаи истилоҳшиносӣ то дар замони муосир, истифода ва омузиши луғатҳои махсус ба яке аз самтҳои муҳимми забоншиносии амалӣ ва назариявӣ табдил ёфтааст. Дар ин радиф, истилоҳоти илмӣ, хусусан дар соҳаи тиб, мавқеи марказӣ касб намуда, мавриди таваҷҷуҳи доимии муҳаққиқон қарор гирифтааст.

Диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои маънои истилоҳоти гистология, мафҳум, вазифа ва аломатҳои фарқкунандаи истилоҳот ба таври фарогир

баррасӣ шуда, роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ гардидааст.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз нигоҳи илмӣ арзишманд буда, барои рушди забоншиносии мусоири тоҷик дар самти муқоисаи забонҳо замина гузошта метавонад.

Диссертант зимни омузиши мавзуъ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои таҳризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тависяҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)” таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии таҳқиқро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва

амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки омузиши ҷанбаҳои сохторӣ ва семантикии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ на танҳо як амали зарурӣ, балки таҳқиқи муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад. Ин таҳқиқ имконият фароҳам меорад, ки хусусиятҳои сарфию наҳвӣ ва маъноии истилоҳот дар ду забони таҳлилшаванда муайян гардад ва тарзи ташаккул, мутобиқшавӣ ва истифодабарии онҳо мушаххас карда шаванд.

Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ дар мавзуи "Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабиро дар мавзуи "Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ дар мавзуи «**Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ **пешниҳод менамояд:**

– **Сабирова Сановбар Ғаниевна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи «Лингвистика»-и филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳр Душанбе;

– **Самариддинов Қурбон Наимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» тавсия дода мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷамшедов Парвонахон

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович

«5» 09 соли 2026

Имзоҳои П. Ҷамшедов, Нағзибекова М.Б. ва О.Ҳ. Қосимовро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна